Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш, Душанбе, х. Борбад, 48/5)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешкаш карда шудааст**

## 1. Мубрамии тадқиқоти гузаронидашуда

Дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ шаклҳои муосири истеҳсолот ва соҳибкорӣ ба қабили иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ пайдо мешаванд. Ин дараҷаи рушди иқтисодиёт ва баландии ҳамгироии давлатҳоро нишон медиҳад. Иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ афзалиятнокии зиёд доранд ва ба ин дар Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМР) эътибори калон дода шудааст.

Соҳибкории шабакавӣ технологияи нави фаъолият ва усули хоҷагидории бозорӣ мебошад ва рақобатпазирии иқтисодии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки соҳибкории шабакавӣ ба рушди муҳити устувори соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Дар навбати худ, муҳити соҳибкорӣ муносибатҳои истеҳсолии шабакавиро ташаккул дода, ҳамкории соҳибкорон, ширкатҳо ва муассисаҳоро такмил медиҳад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд) хеле мубрам буда, аҳамияти таҳқиқоти диссертатсиониро бештар месозад.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм

Диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли

соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; 4. Пешгӯии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 5. Таҳқиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ – идоракунӣ; 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи аломатҳои ташкилӣ – ҳуқуқӣ; аз рӯйи миқёси фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.); 13. Ташкили низоми ҳамкории соҳибкории хурд ва калон. Ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ бо назардошти мақсаднокии иқтисодии он. Франчайзинг ҳамчун намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ; 23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он мувофиқ мебошад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертасия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, аз ҷиҳати гузориш ва тартиб муҳтавои мундариҷа, қисми асосии диссертатсияро тавсиф менамояд, ки дар саҳифаҳои (9-10) диссертатсия ва автореферат илман асоснок возеҳ иншо гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот аз рушди назарияи соҳибкорӣ дар мисоли соҳибкории шабакавӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои истифода дар муҳити соҳибкории миллӣ мебошад.

Натиҷаҳои зерин муҳимтарин навгонии илмии таҳқиқот маҳсуб мешаванд:

- мафҳуми иқтисодиёти шабакавӣ, чун асоси соҳибкории шабакавӣ, ғанӣ карда ҳамчун мукаммалтарин навъ бо тавассути истифода намудани шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, ташкили истеҳсолоти инноватсионӣ

маҳсуб гашта, дорои самаранокии баланди иҷтимоӣ – иқтисодӣ мебошад, пешниҳод шудааст. Шакли калидии он – соҳибкории шабакавӣ рушди муносибатҳои иқтисодии бозориро дар иқтисодиёти миллӣ таъмин менамояд.

- рушди сармояи зеҳнии иқтисодиёт ва соҳибкории шабакавӣ бо дараҷаи афзоиши истифода бурдани иттилоот алоқаманд мебошад. Лекин доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло «нокифоя» буда, асосан фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолот ва тиҷорат ба назар мерасад.

- арзёбии самаранокии фаъолияти соҳибкории шабакавӣ бо зичӣ ва дараҷаи ҳамоҳангии шабака, зичӣ ва устувории робитаҳои тиҷоратӣ, тавозуни сохторӣ, дараҷаи расмисозии робитаҳои тиҷоратӣ дар соҳибкории шабакавӣ асос ёфтааст.

- такмили сохтории рушд ва ташаккули соҳибкории шабакавӣ ба афзоиши самараи ҳамкории давлат бо бизнес, пешгӯӣ ва ташаккули амалкарди соҳибкории шабакавӣ ва таъсири навъҳои инноватсионӣ вобастагӣ дорад.

- роҳҳои баландсозии самараи фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории шабакавӣ аз муайянсозии талаботи иқтисодиёти Тоҷикистон, ҳамчунин талаботи иҷтимоӣ, иқтисодии аҳолӣ, стратегияи рушд, ҷойгирсозӣ ва ҷобаҷокунии қувваи истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ марбут мебошад.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсияи зикршуда

Қобили қайд аст, ки навгониҳои илмии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашуда мавқеи илмии унвонҷӯро муайян намуда, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар сатҳи таҳқиқот бо муҳимтарин навгониҳо фаро мегиранд, ки дар онҳо исботи натиҷаҳои амалии кори унвоҷӯ ифода гашта, баҳои воқеии кори ӯро дар бар мегирад (с.10-11).

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар диссертатсия оварда шудааст (с.154-156). Онҳо дар тақвияти ҷанбаҳои

амалии кори илмӣ асоснок карда шуда ва истифодаи он дар назарияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самарабахш ва эътимоднок мебошад. Ин гуна натиҷагирӣ саҳми назариявию амалии муаллифро ба намоиш меоварад.

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия ва тавсияҳои илмӣ

Аҳаммияти илмии диссертатсия дар рушди назарияи соҳибкорӣ дар мисоли соҳибкории шабакавӣ, арзёбии омили калидии он сармояи зеҳнӣ, таҳлили ҳолати муосир, рушди соҳибкории шабакавӣ ва такмили механизми рушди соҳибкории шабакавӣ дар вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Иқтисодиёти шабакавӣ шакли сифатан нави низоми иқтисодӣ ба шумор меравад ва муносибатҳои иқтисодии шаклҳои бозорӣ ва иерархӣ вобаста ба иқтисодиёти миллӣ инкишоф ёфтааст ва пеш аз ҳама, мақсади асосии он ислоҳоти иқтисодӣ низ маҳсуб меёбад, дуруст мебошад (с.14).

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф мафҳумҳои иқтисодиёти шабакавии дар адабиёт мавҷудбударо таҳлил намуда, гурӯҳбандии онҳоро дар ҷадвали 1.1.1 овардааст (с.29).

Эшбоев Ҷ.А. таърифи худро низ пешниҳод намудааст: иқтисодиёти шабакавӣ – ин навъи комил ва ҷадиди ташаккули истеҳсолоти инноватсионӣ мебошад, ки дар он шабакаҳои алоқа мавриди истифода қарор дода мешавад ва дорои самаранокии баланди иҷтимоӣ-иқтисодӣ аст.

Дар рисола қайд шудааст, ки иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ дар асоси иқтисодиёти зеҳнӣ, сохторҳои ташкилӣ, омехта ва инноватсионии он ташаккул меёбад ва унсурҳои иқтисодиёти шабакавӣ муайян карда шудааст (с.32).

Дар ҷадвали 1.3.1 муаллиф муҳити институтсионалии рушди соҳибкории шабакавиро ифода намудааст, ки аҳамияти илмӣ дорад (с. 61).

Паҳн кардани технологияи иттилоотӣ ба ҳаёти одамон дигаргунии ҷиддӣ ворид намуд, рафтори онҳо, усулҳои кор, ҳамчунин усулҳои ба роҳ мондани тиҷорат тағйир ёфт ва истифодаи васеи технологияҳо барои гузариш аз иқтисодиёти анъанавӣ ба тиҷорати шабакавӣ шароити мусоид фароҳам овард (с.66).

Соҳибкории шабакавӣ – субъекти иқтисодӣ буда, дар бозор бо мақсади ба даст овардани фоида ва самараи синергетикӣ муносибатҳои шабакавиро муқаррар менамоянд. Соҳибкории шабакавии минтақа зери таъсири таснифоти рушди иқтисодии кишвар монда ва дар соҳаҳои гуногун амал менамояд ва онро дар ҷадвали 2.1.1. ифода намудааст (с.68).

Фаъолияти соҳибкории шабакавии вилояти Суғд дар мисоли ҶДММ «Рашод» (Somon.tj), ҶДММ ширкати «Амид» (Amid.shop), ҶДММ «Армуғони Суғд», ҶДММ «Аниси Хуҷанд», ҶДММ «ОАЗИС Сайфи Қозиев», ҶДММ «ОАЗИС Сабзина Универмаг», ҶДММ «ОАЗИС Солиев С.К. Гулбаҳор», ҶДММ «Дилписанд», ҶДММ ширкати «Амид», ҶДММ Мавҷи Ориёно, ҶДММ Сомон ТВ ҳаматарафа ва пурра таҳлил шудааст (с.68-109).

Такмили механизми рушди соҳибкорӣ аз мукаммалгардонидании ҳамкории давлат ва тиҷорат, васеъшавии доираи фаъолият, ҷойгиркунӣ ва амаликунии соҳибкории шабакавӣ таҳлил гардида, пешниҳодҳои зарурӣ оварда шудааст (с. 110).

Эшбоев Ҷ.А. шумораи соҳибкорони инфиродӣ ва воҳидҳои онҳоро дар кишвар, ки дар солҳои гуногун фаъолият бурдаанд, дар ин ҷо баррасӣ намуда, хусусиятҳои сохтории соҳибкории шабакавиро муайян намудааст (с.111).

Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки мазмуни мукаммалгардонии ҳамкории давлат ва тиҷорат дар соҳибкории шабакавӣ, таъсиси сохторҳои ташкилиро пешбинӣ менамояд (с.113).

Таҳлили васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиёти вилоят дар оянда тамоюлҳои тараққиёти иқтисодиёти кишвар ва

дигаргуниҳои дохили минтақаҳои ҷумҳуриро пешакӣ муайян карда гузаронида шудааст.

Вусъати доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ба принсипҳои дар поён овардашуда асос меёбад:

- технологияи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ва ба қадри имкон дар соҳаи савдо истифодабарии онҳо;

- фаъолияти воҳиди субъектҳои савдо, ки бо таҷрибаи ҷаҳонӣ мувофиқ бошад;

- интернет ва муносибати муқаррарӣ ва шароити истифодаи технологияи иттилоотӣ дар он;

- назорати савдо аз тарафи бозор, аз ҷониби давлат;

- шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар истифодаи шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ;

- самаранокии истифодаи технологияи иттилоотӣ ва гурӯҳбандии истеъмолкунандагон (с.126-127).

Дар саҳифаи 141 муаллифи кори илмӣ дуруст қайд менамояд, ки такмили механизми рушди соҳибкорӣ вилояти Суғд ба фикри мо аз 2 самт иборат мебошад:

- ҷойгиркунӣ ва рушди соҳибкории шабакавӣ;
- моделсозии фаъолияти соҳибкории шабакавӣ.

Яке аз самтҳои асосии рушди соҳибкории шабакавӣ, ҷойгиркунӣ ва амалкунии рушди он мебошад.

Дар расми 3.3.1. – Алгоритми ҷойгиркунӣ ва амалкунии соҳибкории шабакавии вилоят пешниҳод шудааст. (с.142).

Баҳодиҳии рушди соҳибкории шабакавӣ дар саҳифаҳои 145-148 дода шудааст.

Арзиши рисоларо моделиронии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат (СИС) ва соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат (ССТ) дар вилояти Суғд ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд менамояд:

- доштани навъҳои лозимии захираҳо барои иштирок ва рушди *j*-корхонаи асосӣ;

- доштани салоҳияти зарурӣ барои иштирок дар *j*-корхонаи асосӣ;

- дорои имконияти ҳосилкунии синергия будан, барои рушди филиал, СИС ва ССТ дар маҷмӯъ;

- таъмини рушди устувори СИС ва ССТ;

- доштани маҳсулотҳои муттафиқона барои иштирок дар фаъолияти тиҷоратӣ;

- қонеъ гардонидани талаботи баҳодиҳии бозорӣ оид ба сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, иҷрои кор ва расонидани хидматҳо дар ҳайати корхонаи асосӣ дар маҷмӯъ (с.148).

Муаллиф дар асоси ҷойгиркунӣ ва амалкунии соҳибкории шабакавӣ имконияти муайян намудани хусусиятҳои онро муқаррар намудаст (с.149).

Давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштаршуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф асосҳои назариявӣ – методии таҳқиқи иқтисодиёти шабакавӣ, ҳолати муосир ва рушди соҳибкории шабакавӣ ва такмили механизми рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди соҳибкории шабакавӣ, коркард ва самтҳои афзалиятноки онро дар кишвар таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва тавсияҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар як қатор маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан, ҳаҷми корҳои илмии

чопгардида вобаста ба мавзуи диссертатсия 5,6 ҷ.ч-ро ташкил медиҳад, ки тибқи талаботҳои мавҷуда буда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамояд.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқаррароти низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал муҳтавои диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин як қатор меъёрҳои дигари диссертатсия: ҳаҷм, ҷадвалу диаграммаҳо, адабиёти истифодашуда ва монанди инҳо аз тарафи унвонҷӯ ҳангоми таҳияи диссертатсия низ риоя гардидаанд.

**8. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ**

Новобаста ба муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошад, дар он камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Аз ин лиҳоз, ислоҳи норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии диссертатсияро беҳтар менамуданд:

1. Дар диссертатсия иқтибосҳо ба корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда зиёд оварда шудааст. Аммо онҳо таҳлили васеътарро металабанд ва камбудии онҳоро бояд нишон дод.

2. Муаллиф ба баҳодиҳии ҷузъи калидии соҳибкории шабакави сармояи зеҳнӣ эътибори зиёд додааст. Агар дигар ҷузъҳои соҳибкории шабакавӣ чунин арзёби мешуд, арзиши илмию амалии таҳқиқот боз баланд мешуд.

3. Хуб мешуд, агар дар механизми мукаммалгардонии ҳамкории давлат ва тиҷорат дар соҳибкории шабакавии вилояти Суғд таҳиякардашуда, алоқаи байнисоҳавии соҳибкории шабакавӣ бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ нишон дода шавад.

4. Дар диссертатсия ба масъалаи маҳдудияти рушди соҳибкории шабакавӣ диққати кам зоҳир карда шудааст. Хуб мешуд, ки ба ин гуна омилҳо дар оянда бештар аҳаммият дода шавад.

5. Муаллиф оид ба такмили механизми рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози ақида кардааст, дар ин бобат хуб мешуд усулҳо ва фишангҳои давлатӣ васеътар арзёбӣ карда шаванд.

6. Дар диссертатсия баъзе аз вожаҳо ва ибораҳо таҳрирталаб мебошанд.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро коҳиш намедиҳанд.

Автореферати тақризшаванда муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамояд.

## 9. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии тахассусии баитмомрасида ва фарогири масъалаҳои муҳим барои рушди соҳаи соҳибкорӣ буда, мустақилона таълиф гардидааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ буда, саҳми шахсии Эшбоев Ҷонибек Абдумаликовичро дар рушди назарияи иқтисодиёти соҳибкорӣ дар мисоли соҳибкории шабакавиро нишон медиҳад.

Гуфтан зарур аст, ки диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович ба талаботҳои Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст. Муаллифи диссертатсия Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Мудири кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон, д.и.и., профессор **Дадоматов Д.Н.**

*Имзои Дадоматов Д.Н - ро тасдиқ мекунам:*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент **Бобоев А.Х.**

**Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Хуҷанд, мкр-н 17, хонаи 1.
тел: +992 3422 2 38 11, e-mail: tsulbp@rambler.ru